ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ КОРШИНОСОНИ

шурои диссертатсионии 6D.КОА-122-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон роҷеъ ба диссертатсияи Шодиён Фархунда Тоҷиддин дар мавзуи «Мавқеъ ва аҳаммияти андарзҳои адабӣ-этетикӣ (гузингӯяҳо)-и Аҳмади Шомлу дар рушди адабиёти муосири Эрон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.17. Адабиёти халқҳои мамолики хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, бумиёни Амрико ва Австралия (адабиёти форсӣ)

Диссертатсияи Шодиён Фархунда Тоҷиддин ба баррасиву таҳқиқи андарзҳои адабӣ-эстетикӣ (гузингӯяҳо)-и Аҳмади Шомлу аз назари мавзуӣ бахшида шуда, мавзуи таҳқиқӣ, муҳтавои диссертатсия ва автореферати он ба ихтисоси 6.2.17. Адабиёти халқҳои мамолики хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, бумиёни Амрико ва Австралия, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-122-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул, баррасӣ ва ҳимояи диссертатсияҳо иҷозат дода шудааст, **мутобиқат менамоянд.**

Мавзуи диссертатсия дуруст интихоб шудааст ва дар маҷмуъ, аз назари илмӣ қобили қабул менамояд. Мавзуи «Мавқеъ ва аҳаммияти андарзҳои адабӣ-этетикӣ (гузингӯяҳо)-и Аҳмади Шомлу дар рушди адабиёти муосири Эрон» аз лиҳози илмӣ дорои имконоти ба даст овардани натиҷаҳои арзишманд аст, зеро дар бештари пажуҳишҳои шомлушиносӣ таваҷҷуҳ асосан ба поэтика, шеъри сафед, андешаҳои иҷтимоӣ, забон, мифопоэтика ва тасвирсозиҳои ӯ равона шудааст ва масъалаи андарзҳои адабӣ-эстетикӣ (гузингӯяҳо)-и ӯ ҳамчун мавзуи мустақили таҳқиқ мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст. Аз ин рӯ, ҷудо кардани андарзҳои адабӣ-эстетикӣ (гузингӯяҳо) ба ҳайси предмети махсуси пажуҳиш иқдоми асоснок ва дуруст ба назар мерасад. Ба ҳамин сабаб, метавон гуфт, ки интихоби мавзуъ дуруст аст.

Дар **бандҳои 1, 10, 14 ва 15-и** «Соҳаҳои таҳқиқот»-и **шиносномаи ихтисоси илмии 6.2.17. Адабиёти халқҳои мамолики хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, бумиёни Амрико ва Австралия** таҳқиқу баррасии

сарчашмаҳои иҷтимоӣ-таърихӣ, фалсафӣ-эстетикӣ ва бадеии адабиёти кишварҳои хориҷӣ, ҷиҳатҳои анъанавӣ ва навоварӣ дар таърихи адабиёти хориҷӣ ва дар эҷодиёти нависандагони бузург, идрок, тафсир ва танқиди асарҳои бадеии адабиёти хориҷӣ тарҳрезӣ шудааст. Аз ин дидгоҳ, метавон гуфт, ки мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқиии **шиносномаи ихтисоси илмии** 6.2.17. Адабиёти халқҳои мамолики хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, бумиёни Амрико ва Австралия, хусусан, **бандҳои 1, 10, 14 ва 15-и** «Соҳаҳои таҳқиқот»-и шиносномаи мазкур пурра **мувофиқат мекунад**.

Мавзуи диссертатсия ба «Дар бораи самтҳои самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми сентябри соли 2020, №503) ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми феврали соли 2025, №114) **комилан мутобиқат дошта,** аз зумраи масоили мавриди таҳқиқу баррасии мустақим қарорнагирифта дар **илми адабиётшиносии тоҷик** аст. Гузашта аз ин, ба маводди диссертатсия зимни пажуҳиши мавзуъ ва масъалаҳои гуногуни таърихи адабиёти муосири Эрону Тоҷикистон, адабиёти ҷаҳон ва робиташиносӣ метавон такя кард.

Мувофиқати мавзуъ ва нақшаи рисола. Мавзуъ мушаххас аст ва бобҳо миёни ҳам пайванди қавии мантиқӣ доранд.Ҷиҳати қавии чунин сохт дар он аст, ки муаллиф кӯшиш кардааст заминаи шеърию фикрии Шомлуро нишон диҳад ва андарзҳои адабӣ-эстетикӣ (гузингӯяҳо)-и ӯро бо замон, муҳити адабӣ, матбуот ва андешаҳои роиҷи давраи ӯ пайванд диҳад. Ин кор судманд аст, зеро андарзҳои адабӣ-эстетикӣ (гузингӯяҳо)-и Шомлу дар фазои холӣ ба вуҷуд наомадаанд, балки бо публисистика, мусоҳибаҳо, назарҳои зебоишиноҳтӣ ва мавқеи иҷтимоии ӯ робитаи мустақим доранд. Аз ин ҷиҳат, бобҳои якуму дуюм барои хондани андарзҳои адабӣ-эстетикӣ (гузингӯяҳо) як заминаи таърихӣ ва тафсирӣ фароҳам меоранд.

Ҳадаф ва вазифаҳо дар маҷмуъ дуруст матраҳ шудаанд. Ҳадаф равшан аст: таҳқиқи андарзҳои адабӣ-эстетикӣ (гузингӯяҳо)-и Шомлу. Як қисмат ба худи андарзҳои адабӣ-эстетикӣ (гузингӯяҳо) дахл дорад, қисми дигар ба таърихи адабиёти Эрони солҳои 1940, матбуот, ҷараёнҳои адабӣ, муҳити хонаводагӣ, мероси умумии шоир ва навъҳои гуногуни ашъори ӯ пайванд аст.

Навгонии илмӣ. Дар масъалаи навгонӣ бояд миёни навгонии эълоншуда ва навгоние, ки воқеан исбот шудааст, фарқ гузошт. Муаллиф мегӯяд, ки андарзҳои адабӣ-эстетикӣ (гузингӯяҳо)-и Шомлу бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик ба таври фарогир баррасӣ шудаанд ва шахсияти адабии ӯ низ бори аввал дар пайванди замон ва муҳити адабӣ таҳлил шудааст. Дар доираи адабиётшиносии тоҷик ин даъво қобили қабул менамояд. Аз матни пешниҳодшуда ҳам бармеояд, ки дар таҳқиқҳои пешина бештар ба шеъри Шомлу, шеъри сафед, забон, сабк ва ҷойгоҳи адабии ӯ таваҷҷуҳ шудааст. Аммо кори махсуси тоҷикӣ, ки танҳо ба андарзҳои адабӣ-эстетикӣ (гузингӯяҳо)-и ӯ бахшида шуда бошад, нишон дода намешавад. Аз ҳамин ҷиҳат, дар маънои маҳдуди миллӣ ва илмӣ метавон гуфт, ки рисола навгонӣ дорад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар **7 мақола,** ки аз ин теъдод **4 мақола** дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос ёфта, фарогири муҳтаво ва мавзуи диссертатсия мебошанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи довталаби дараҷаи илмӣ дарбаргирандаи мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводди чопшуда ба талаботи банди 10-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми августи соли 2026, таҳти №591 тасдиқ шудааст, мувофиқат менамоянд.

Дар бораи **натиҷаҳои бадастомада** метавон гуфт, ки масъалаи меҳварии таҳқиқ гурӯҳбандии мавзуии андарзҳои адабӣ-эстетикӣ (гузингӯяҳо)-и Аҳмади Шомлу мебошад. Муаллиф онҳоро ба чанд бахш ҷудо мекунад: зиндагӣ, зиёиён, шеър, шоир, ҳунар, нақд, калима, номанигорӣ ва муҳоҷират. Ин натиҷа

муҳим аст, зеро матни парокандаро ба низом меоварад ва самтҳои асосии андешаҳои Шомлуро равшан мекунад. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки натиҷаҳои кори таҳқиқии Шодиён Ф.Т. **боэътимод** буда, истиноду истифодаи дуруст аз манобеи адабию илмӣ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методу равишҳои таҳқиқ низ аз **эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** шаҳодат медиҳанд.

Натиҷаи дигари муҳим он аст, ки муаллиф андарзҳои адабӣ-эстетикӣ (гузингӯяҳо)-ро танҳо ҷумлаҳои зебо намедонад, балки онҳоро воситаи шинохти шахсияти адабии Шомлу мешуморад. Ин равиш дуруст аст, зеро андарзҳои адабӣ-эстетикӣ (гузингӯяҳо)-и Шомлу воқеан бо диди шеърии ӯ, мавқеи ахлоқӣ, симои зиёӣ ва муносибаташ ба калима пайванд доранд.

Дар бораи **методологияи** таҳқиқ. Дар рисола усулҳои таърихӣ, тавсифӣ, таҳлилӣ ва муқоисавӣ ном бурда шудаанд. Ба андешаи мо, беҳтар буд, ки чунин кор бар усулҳое чун таҳлили дискурс, гурӯҳбандии жанрӣ, таҳлили шакли кӯтоҳ, баррасии мавқеи муаллиф ва равиши байниматнӣ бештар такявар мебуд.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, метавон чунин натиҷагирӣ кард, ки ин кор **аз назари илмӣ** қобили қабул аст. Мавзуъ **аҳаммияти вежа** дорад, предмети таҳқиқ дуруст интихоб шудааст ва баррасии андарзҳои адабӣ-эстетикӣ (гузингӯяҳо) ҳамчун роҳи шинохти ҷаҳонбинӣ ва мавқеи зебоишинохтии Аҳмади Шомлу самти дурусту судманд аст. Ҷиҳатҳои қавии диссертатсия инҳоянд: интихоби муносибу асосноки мавод, кӯшиши гурӯҳбандӣ ва танзим кардани андарзҳои адабӣ-эстетикӣ (гузингӯяҳо), талош барои пайванди гуфтори кӯтоҳ бо шахсияти адабии Шомлу ва истифода аз баъзе таҳқиқоти эронӣ, шӯравӣ ва пасошӯравӣ.

Диссертатсия ва автореферати диссертатсия ба талаботи бандҳои 29-34-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми августи соли 2026, таҳти №591 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад. Диссертатсияи анҷомёфта дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Дар диссертатсияи Шодиён Фархунда Тоҷиддин баҳрагирӣ аз мавод бе

нишон додани маъхазу номи муаллиф ба назар намерасад. Ин гувоҳи риоя шудани банди 35-36-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мебошад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои асосӣ баён шуда, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ муайян шудааст. Бо шумори аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии он, комиссияи коршиносон ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Шодиён Фархунда Тоҷиддин дар мавзуи «Мавқеъ ва аҳаммияти андарзҳои адабӣ-этетикӣ (гузингӯяҳо)-и Аҳмади Шомлу дар рушди адабиёти муосири Эрон» кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.17. Адабиёти халқҳои мамолики хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, бумиёни Амрико ва Австралия (адабиёти форсӣ) ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи коршиносон дар асоси муқаррароти бандҳои 65, 69 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Шодиён Фархунда Тоҷиддин дар мавзуи «Мавқеъ ва аҳаммияти андарзҳои адабӣ-этетикӣ (гузингӯяҳо)-и Аҳмади Шомлу дар рушди адабиёти муосири Эрон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.17. Адабиёти халқҳои мамолики хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, бумиёни Амрико ва Австралия (адабиёти форсӣ) дар ҷаласаи шурои дессертатсионии 6D.КОА-122-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимояи такрорӣ қабул карда шавад.

2. Комиссияи коршиносон муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 6.2.17. Адабиёти халқҳои мамолики хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, бумиёни Амрико ва Австралия (адабиёти форсӣ) мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

– **Қаландариён Ҳоким Сафар** – доктори илмҳои филологӣ, директори Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандарови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

– **Юнусӣ Ахтамшоҳ** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи Шарқи Дури Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** пешниҳод мешавад.

4. Розигии хаттии муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар тибқи тартиби муқарраргардида гирифта шаванд.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи расмии диссертатсия дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (то 50 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи коршиносон:
доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ Раҷабова М.Т.

Аъзои комиссияи коршиносон:
доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ Суфизода Ш.З.;

доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Раҳмонов Р.Қ.

«31» октябри соли 2026.